## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ – Душанбе, 2026. – 193 с.**

**Мутобикати мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар сатҳи меъёрӣ бо назардошти тавозуни манфиати шахс ва давлат, бартарияти қадру қиммати инсон, васеъ карда шудани имкониятҳои мурофиавии ҷабрдида ва гумонбаршуда, айбдоршаванда, таъмини фаъолнокии онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятии пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бо соддагардонии муҳокимаву баррасии онҳо асоснок карда шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар адабиёт андешаву назарҳои гуногун атрофи таҳким бахшидани имкониятҳои таъқиби ҷиноятӣ ва фаъол кардани мавқеи ҷабрдида ифода гардида бошанд ҳам, аммо аз таҳқиқоти диссертатсионии бааҷомрасонидаи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ маълум мегардад, ки бо назардошти ҳадафҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ва таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдида, танзими ҳуқуқии имконияти бахшидани гуноҳи ҳамдигар дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки зарурати таҳқиқоти илмӣ ва муҳиммияти мавзӯро нишон медиҳанд.

Таҳқиқоти асосҳои назариявӣ, танзими меъёрӣ–ҳуқуқӣ, махсусияти пешбурд, тартиботи мурофиавӣ, инчунин мушкилоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ, дурнамои инкишофи ин падида дар илми мурофиаи ҷиноятии ватанӣ дар пайвастагӣ бо

муаммоҳои дигари мурофиавӣ таҳлил карда шуда, тафовут ва пайвастагии онҳо дар таҳқиқот муқаррар карда шудааст.

Муҳаққиқ айбдоркунии хусусиро бо дарназардошти ба муқобили манфиати ашхоси алоҳида таҷовуз намудан донистааст, ки он маҳз бо иродаи озоди шахси аз чунин ҷиноят зарардида шуруъ мегардад ва теъдоди моддаҳои дар қисми 3 моддаи 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ будаpo ба қисми 2 моддаи мазкур муттаҳид карданро зарур шумоoptions.

Махсусияти оғоз намудани пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар он ифода мегардад, ки ҳарчанд айбдоркунӣ ва шурӯи пешбурди парванда аз иродаи шахси аз ҷиноят зарардида вобаста бошад ва ё оид ба мавҷудияти ҳодисаи ҷиноят шубҳае набошад ҳам, вале мавзуи айбдоркунӣ бояд санҷида ва мавриди муҳокимаи судӣ қарор дода шавад. Бинобар ҳамин, дар оғоз намудани чунин парвандаҳо нақши айбдоркунандаи хусусӣ, аввалиндараҷа буда, нақши суд моҳиятан ҳалкунандаи айбдоркунӣ мебошад.

Муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки қарори суд дар бораи ба пешбурд қабул намудани ариза ин санади мурофиавие мебошад, ки мавқеи мурофиавии аризадиҳандаро чун айбдоркунандаи хусусӣ ва шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор карда мешавад – чун судшаванда муайян намуда, нақши санади мурофиавии оғоз намудани пешбурди судии парвандаи ҷиноятиро иҷро мекунад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти мубрамияти зикргардида, аз тарафи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» ба анҷом расонида шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии рисолаи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар хулоса ва пешниҳодҳои илмиву амалан мубрам буда, зимни иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд ва ифодаи худро ёфтаанд. Асоснок карда мешавад, ки бо кирдори таҷовузкорона зарар расонидан ба манфиати хусусӣ ё оммавӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиат ва барқарор намудани адолат – чун ангезаи айбдоркунӣ бароmad мекунад.

Таҳқиқоти мазкур бори нахуст дар сатҳи диссертатсионӣ дар мавзуи пешбурди айбдоркунии хусусӣ ба ҳисоб рафта, назарияҳои навро оид ба мафҳумҳои «айбдоркунӣ», «айбдоркунии хусусӣ», «айбдоркунии оммавӣ» дар бар гирифтааст.

Арзиши хоси илмии кор дар он аст, ки дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал зарурати зиёд намудани моддаҳои хусусияти айбдоркунии хусусидошта ба таври муфассал асоснок карда шудааст. Яъне муҳаққиқ бо такя ба таҳлили таърихию ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар раванди таҳаввули қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муқаррароти м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду намуди айбдоркунӣ ҷудо ва бо номи дигар «айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ» пешниҳод кардан ба маврид аст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур ҳамчун саҳми мустақилона ва арзишманд дар рушди илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда маҷмӯи ғояҳои нави илмиро ташкил дода, дар маҷмуъ, консепсияи мукаммали назариявиро оид ба падидаи айбдоркунии хусусӣ ва дурнамои такмили он таҷассум менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» бо дараҷаи баланди асоснокии илмӣ ва боэътимодии методологӣ тавсиф меёбанд.

Хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф дар заминаи таҳлили пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, истифодаи усулҳои муосири илмӣ, инчунин баррасии низоми қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф бо такя ба принсипҳои илмияти таҳқиқот, пайдарҳамии мантиқӣ ва санҷишпазирии натиҷаҳо, ба ташаккули хулосаҳои асоснок ноил гардидааст.

Пойгоҳи эмпирикии таҳқиқот аз омӯзиши муқоисавию ҳуқуқии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, пурсишнома дар доираи мавзуи таҳқиқот байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони самти мазкур иборат мебошад. Ин маҷмӯи маълумоти таҷрибавӣ имконият фароҳам овардааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот дорои дараҷаи баланди эътимоднокии илмӣ ва аҳамияти амалии татбиқшаванда бошанд.

Ҳамин тариқ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боэътимод буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Онҳо метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, такмили

қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии таълифнамудаи муҳаққиқ Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва замимаҳо дар намуди пурсишнома буда, 193 саҳифаро фарогир мебошад. Дар боб ва зербобҳои диссертатсия пайдарҳамии мантиқии мазмуни таҳқиқот бо усули эҷодӣ риоя гардида, дар умум, онҳо тамоми паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусиро фаро мегиранд.

**Боби аввали** диссертатсия «Таҳкурсии иҷтимоӣ–таърихии ташаккули айбдоркунии хусусӣ» ифода гардида, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербобҳои мазкур масоили таърихи рушд ва ташаккулёбии падидаи айбдоркунии хусусӣ дар асоси таълимоти зардуштӣ, мусулмонӣ, шӯравӣ ва замони муосир таҳлил шуда, аҳаммияти собиқаи таърихиро дар ташаккули ғояи адолати иҷтимоӣ ва судӣ асоснок кардааст, ки айбдоркунии хусусӣ шакли қадимаи ташкили баргузории мурофиа ва шакли маъмули ҳимоя буда, дар зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар раванди таҳқиқи зербоби якуми боби аввал бо номи **«Моҳияти таърихии пайдоиш ва инкишофи падидаи ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ»** муҳаққиқ даврахои аввали пайдоиши муносибатҳои ҷамъиятӣ ва танзими ҳуқуқӣ, оғоз аз давраҳои ғуломдорӣ дар таърихи давлатдории аксари давлатҳои Шарқ ва Ғарб, ки то имрӯз шаклҳои зерини таърихии мурофиаи ҷиноятиро ба монанди мурофиаи даъвогӣ–хусусӣ, мурофиаи айбдоркунанда–ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ), мурофиаи мубоҳисавӣ ва мурофиаи омехтаро аз сар гузаронидааст, муайян намудааст.

Дар зербоби дуюми таҳқиқот бо номи **«Ташаккули тартиби пешбурди айбдоркунии хусусӣ дар замони шӯравӣ ва пасошӯравӣ»** даврабандии пешбурди айбдоркунии хусусиро дар асоси ташаккулёбии қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ таснифбандӣ карда ба ташаккулёбӣ ва инкишофи меъёрҳои қонунгузории ҷории мурофиавии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон, қонунгузории мурофиавии ҷиноятии тоинқилобии Россия, ИҶШС ва тартиби махсуси пешбурди он дар мурофиаи ҷиноятӣ инчунин таҳлили таърихии ташаккулёбӣ қоидаҳои хоси айбдоркунии хусусиро

нишон дода, вобаста ба дараҷа ва оқибати ҷинояти содршуда имконияти оштӣ шудани айбдоркунандаи хусусӣ бо судшаванда ва асосҳои қатъ намудани пешбурди онро муқаррар ва бо пешниҳодот мушаххас ироа кардааст.

**Боби дуюми** диссертатсия бо номи **««Асосҳои назариявӣ–ҳуқуқии пешбурди айбдоркунии ҳусусӣ» буда** ду зербобро доро мебошад. Дар зербобҳои мазкур мафҳум ва намудҳои айбдоркунӣ бо дарназардошти маҳакҳои нави рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мушаххас гардиданд.

Зербоби аввали боби дуюм бо номи **«Амалишавии функсияи айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятии ватанӣ» бахшида шуда,** андешаи муҳаққиқ оид ба фаъолият айбдории хусусӣ чун шакли махсуси таъқиби ҷиноятие ифода мешавад, ки бо тасмимот ва ташаббуси ҷабрдида оғоз гардида, хусусияти айбдоркунии хусусиро дар суд бо аризаи мустақилонаи (ихтиёрӣ) шахси аз ҷиноят ҷабрдида (зарардида) ё намояндаи қонунии ӯ оғоз карда шуда, пешбурди парванда дар ҳолати оштӣ шудани ӯ бо судшаванда қатъ мегарданд, нишон дода шудааст.

Бо таҳлили ин мафҳум муаллиф нишон медиҳад, ки «айбдоркунӣ» аз ҷамъи амалҳои мурофиавӣ иборат аст, ки бо мақсади баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ тибқи меъёрҳои мурофиавӣ ичро мешавад. Аз ин назар, муаллиф ба хулоса омадааст, ки таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ мафҳумҳои ҳаммаъно нестанд ва ба онҳо мазмуни умумӣ бахшидан ғайриимкон аст. Ба назари муаллиф, таъқиби ҷиноятӣ пеш аз ҳама уҳдадории мақомоти ваколатдори давлатӣ буда, ҷузъи таркибии айбдоркуниро ифода кардааст, шахси аз ҷиноят зарардида ба таъқиби ҷиноятӣ уҳдадор нест, лекин ҳуқуқ дорад, ки дар амалӣ шудани он иштирок намояд. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо дарназардошти сархати 8 банди 56 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди ҷиноятҳо бо айбдоркунии хусусӣ аз доираи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ–умумӣ васеъ карда шавад. Бахри ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки имрӯз махсусан дар ташаккули давлати ҳуқуқбунёд накши хоси худро дорад, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ такмил дода шаванд, то ки бо мақсади ҳифзу ҳимояи манфиати хусусӣ ё оммавӣ мазмуну моҳияти айбдоркунӣ ҳамчун амали тасдиқкунандаи мурофиавии ашхоси аз ҷиноят зарардида ва ё тибқи қонун мақоми соҳибваколат шахсро дар содир намудани ҷиноят дар асоси далелҳои кофӣ дар назди суд айбдор мекунад, пешниҳод шудааст.

Зербоби дуюми боби дуюм **«Таносуби айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ–умумӣ»** номгузорӣ шуда, дар қисмати мазкур мафҳум ва хусусиятҳои мурофиавии шаклҳои айбдоркунӣ, муаллиф пешниҳод кардааст, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷой доштани ду намуди айбдоркунӣ (хусусӣ ва хусусӣ–оммавӣ), тартиби мурофиавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ–умумӣ ва умумиро мавриди таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқӣ қарор додааст. Зикр гардидааст, ки бо дарназардошти ягона будани тартиб ва хусусиятҳои айбдоркунии хусусӣ–умумӣ ва хусусӣ муаллиф ҷиноятҳои марбут ба айбдоркунии хусусӣ–умумиро ба доираи пешбурди айбдоркунии хусусӣ ворид намуданро ба ҳадафи мурофиа мувофиқ дониста, нишон додааст, ки ин ду шакли айбдоркунӣ аз якдигар бартарият надошта, асоснок мекунад, ки механизми амалишавии онҳо бо ҳам муттаҳид карда шаванд.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Масоили мубрами пешбурди айбдоркунии хусусӣ»** номгузорӣ гардида, он аз ду зербоб иборат мебошад. Дар доираи боби мазкур таҳқиқи сабаб ва асосҳои оғози парвандаи айбдоркунии хусусӣ, тартиби пешбурд ва баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ мушаххас гардидаанд.

Зербоби якуми боби сеюм ба **«Хусусиятҳои пешбурди тосудии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо»** бахшида шудааст. Дар ин зербоб масъалаҳои баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ асоси оғози парвандаи айбдоркунии хусусӣ, санҷиши ариза ва баҳодиҳӣ ба маводҳои пешниҳодшуда муайян карда шудаанд. Муҳаққиқ таклиф менамояд, ки дар қиёси муқарраротои м. 141 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахси зарардида ва дастрасӣ ба адолати судӣ ба айбдоркунандаи хусусӣ низ имконият дода шавад, ки бо аризаи шифоҳӣ муроҷиат намояд.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Хусусиятҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ: тобеияти судӣ; оғоз намудани парвандаҳо; исбот ва асосҳои қатъ шудани пешбурди парванда»** номгузорӣ шуда, муайян карда шудани тобеяти судӣ, моҳият ва мазмуни санадҳои судӣ аз лиҳози а) қарори қабули ариза ба пешбурд; б) дар бораи рад кардан аз оғози баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ; в) оиди бартараф намудани камбудӣ ва пешниҳоди далелҳо бо муқаррар намудани муҳлат муайян карда шудааст.

Зербоби сеюми боби сеюм – **«Тартиби умумӣ ва махсуси баррасии парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар маҷлиси судӣ»** бахшида

шуда, ваколати судро доир ба тахқиқи далелҳо аз ваколатҳои муфаттиш, прокурор ва таҳқиқбаранда фарқ намуда, зикр кардааст, ки ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳо додан ба далелҳо ин холисона дида баромадани парвандаи айбдоркунии хусусӣ буда, аз ҷумла мавриди санҷишу баррасӣ қарор додани тамоми маълумоти пешниҳодшударо дарбар мегирад. Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ба муаммои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бахри таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиати шахсони аз ҷиноят зарардида, ба тартиби пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, таъсис додани воҳиди «судяҳои оштидиҳандаро» дар низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Дар хулосаи таҳқиқоти гузаронидашудаи диссертатсионӣ, муаллиф Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ асоснок намудааст, ки масъалаҳои пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар сатҳи илмӣ ҳамчун мавзуи дар таҳқиқот баррасишаванда ворид карда шавад. Зикр намудааст, ки такмил додани меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, ки ҳамчун шакли ҳимояи кафолатноки ҳуқуқи шахси аз ҷиноят зарардида эътироф шудаанд, асоснок шуда, хулосаҳо пешбарӣ мешавад, ки амалишавии онҳо таъмини иҷрои вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятиро самара мебахшад

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки омӯзиши фарогири падидаи айбдоркунии хусусӣ ба таҳияи заминаҳои нави методологӣ дар назарияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намуда, роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусиро муайян месозад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқ барои мукаммалсозии меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дуруст татбиқ намудани қонун дар фаъолияти судӣ инчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мешаванд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқоти баанҷомрасида дар он таҷассум меёбад, ки муайян ва татбиқи дурусти падидаи айбдоркунии хусусӣ ба таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии

таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 мақолаи илмии муаллиф мавриди инъикоси ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Қисмате аз натиҷаҳои таҳқиқот дар 6 мақола, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, ба табъ расидаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Сарфи назар аз эътирофи сатҳи баланди таҳқиқоти суратгирифта ва арзиши қобили мулоҳизаи назариявию амалии натиҷаҳои он, дар рисолаи мазкур бархе аз масъалаҳои дорои хусусияти мубоҳисавӣ ба назар мерасанд. Нуктаҳои мазкурро метавон ба таври зайл гурӯҳбандӣ ва пешниҳод намуд:

1. Муаллиф таклиф менамояд, ки муқаррароти м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду шакли айбдоркунӣ ҷудо ва бо номи дигар пешниҳод намудан ба маврид аст: «айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ» (саҳ. 16 диссертатсия) вобаста ба ин дар ҳимояи ошкорои диссертатсия мехостем шарҳи бештари диссертантро дар ин бора шунавем.
2. Муаллиф зикр менамояд, ки қабули ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс; омода намудани варақаи омории шакли №1 ва ба Маркази иттилоотии ахборотӣ ирсол намудани нусхаи он; ба доираи салоҳияти суд дохил шуда, моҳиятан ба корҳои омодагирӣ ба муҳокимаи судӣ мансуб буда, мазмуни таъқиботи ҷиноятиро ифода намекунанд. Аз ин рӯ аз муаллиф пурсида мешавад, ки масъалаи мазкур низ зимни муҳокимаи ошкоро шарҳ дода шавад.
3. Таҳлили диссертатсионии муҳаққиқ нишон медиҳанд, ки дар диссертатсияи мазкур хусусият ва бартарияти айбдоркунии хусусӣ шарҳу эзоҳ дода шудааст, мехостем онро аз лиҳози қиёси айбдоркуниҳо дар ҳимояи ошкоро бишнавем.

Эродҳои зикршуда ва мулоҳизаҳои иброзгардида ба арзиши илмию назариявӣ ва аҳаммияти амалии рисола халали ҷиддӣ ворид намекунанд. Нуктаҳои мазкур ба сатҳи умумии таҳқиқоти суратгирифта, асоснокии илмии натиҷаҳо ва хулосаҳои ниҳоии муаллиф таъсири манфӣ нарасонида, аз сифати баланди кори илмӣ шаҳодат медиҳанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии**

Тоҷикистон. Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Барасмиятдарории диссертатсия бо риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои грамматикӣ ва академӣ иҷро гардида, талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ пурра таъмин шудааст.

Мазмуну муҳтавои автореферат ҷанбаҳои калидии диссертатсияро пурра бозгӯӣ намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ сазовор аст.

**Муқаррizи расмӣ:**

Муовини сардори Мактаби олии КДАМ ҶТ
оид ба корҳои илмӣ ва таълимӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Салимов Б.А.
“11” 05 соли 2026

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи А.Ҷомӣ, б.10/2, ҳ.47
Тел: (+992) 918-65-34-27 E-mail: salimov.romish@bk.ru

Имзои Салимов Б.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Мактаби олии
КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон капитан С. Каримов

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 54/2
Тел. (+992 237) 233-55-19
E-mail: maktabi_oli24.@mail.ru
“11” 05 соли 2026